М1 ТОҶ 1
Қ-69

# ҚИССАИ ШАҒОЛ ВА ХУМИ РАНГ

8



Ш1 ТОЗ 1
Қ-69

АЗ СИЛСИЛАИ ҚИССАҲОИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

БА ИФТИХОРИ 20-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ
ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚИССАИ ШАҒОЛ ВА ХУМИ РАНГ

8

16131 2/3

Душанбе
«Адиб»
2011

Бозгӯи *Гулназар*
Рассом *О. Шемелина*
Муҳарир *Фарҳоди Карим*

«Маснавии маънавӣ», ки номи фарзанди фарзонаи тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро ҷовидон гардонидааст, дар саросари олам маълуму машҳур аст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар васфи ин асар фармудааст:

***Маснавии маънавии Мавлавӣ***
***Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.***

Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ» барои тақвияти андешаву афкори худ аз бисёр қиссаву ривоятҳои халқӣ истифода кардааст. Инак, қиссаи ҳаштум.

ISBN 978-99947-2-115-3

© Нашриёти «Адиб», 2011



Як Шағоли худнамо ва шӯҳратҷӯ хост, ки аз ҳамқавмони худ фарқ кунад ва дар рӯи ҷаҳон ном барорад.



Ӯ ба худ мегуфт:

– То чанд ман мисли шағолони дигар дара ба дараву пушта ба пушта аз пайи як луқмаи ночиз мегардам? Бояд коре кунам, ки аз ҳамҷинсони худ дигартар намоям ва ҳама ба ман бо чашми таҳсину офарин нигоҳ кунанд.

Боре аз паҳлӯи дӯкони рангмол мегузашт. Дид, ки он ҷо хумҳои пур аз ранг истодаанд. Каме андеша карду ба худ гуфт: «Дар ин хумҳо рангҳои гуногун нигоҳ дошта мешаванд. Ман ба яке аз онҳо медароямy ранги пӯстамро дигар мекунам».

Шағол чашми рангмолро хато карду худро ба даруни яке аз хумҳо гирифт. Он ҷо таҳи як соат сару бадану думу пойҳояшро ба ин тарафу ба он тараф тоб доду молид ва чун донист, ки ранги баданаш дигар шудааст, аз хум берун омад. Вай афсӯс мехӯрд, ки ойина нест, вагарна саропои рангорангашро дида, лаззат мебурд. Бо вуҷуди ин, шодона ба сӯи ҳамқавмонаш давид, то худро нишон диҳаду сарфарозӣ кунад.

Шағолон, ки дар пуштаи офтобрӯяе фарогат мекарданд, ногоҳ пайдо шудани ҷонвари бегонаро дида, нигарон шуданд.

Яке мегуфт:

– Ин кӣ бошад?

Дигарӣ мегуфт:

– Ба мо монанд асту рангаш дигар.

Шағоли худнамо ҳайрониву ҳаросонии шағолонро диду аз дур бо ифтихор фарёд зад:

– Бубинед, ман дигар Шағол нестам, ман Товуси биҳиштам !

Шағолон донистанд, ки ҷонвари навпайдо Шағоли худашон будааст, хотирҷамъ шуданду наздиктар омаданд. Онҳо ҳар як ба даври Шағол мегаштанд, рангҳои гуногуни сару бадану думу поҳои ӯро нигоҳ мекарданд.

Сарвари Шағолон ба гап даромад:

– Ин корро барои чӣ кардӣ?

Шағол ҷавоб дод:



– Аз Шағол будан безор шудам. Мехоҳам, ки Товус шавам, то ҳар кас бо ҳавас ба сӯям назар афканад.

Яке гуфт:

– Товус дар гулистонҳо бо нозу адо мехиромад. Оё ту ин корро карда метавонӣ?

Шағол даме андеша карду ҷавоб дод:

– Не!

Дигаре пурсид:

– Оё ту мисли товусҳо садо бароварда метавонӣ?

Шағол дар ҷавоб гуфт:

– Не!

Ҳама шағолҳо бо як овоз гуфтанд:

– Эй Шағоли аблаҳ ! Пас, чаро Товус будан мехоҳӣ?

Шағоли шӯҳратпарасту худнамо дар назди ҳамқавмонаш шармсор гардид.

# ҚИССАИ ШАҒОЛ ВА ХУМИ РАНГ

*(Барои хонандагони хурдсол)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳуруфчин *Ш. Имомназарова*

Ба матбаа 3.08.2011. супорида шуд.
Чопа 8.08.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 1.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{8}$.Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

ООО «Орбита» ш. Душанбе

9 789994 721153